ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар дар мавзуи «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2026. – 176 с.

Мутобиқати мавзуъ ба муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсионии Қодирзода Хушбахти Сафар таҳти унвони «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ комилан мувофиқ мебошад.

Аз таҳлилу омӯзиши мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар бармеояд, ки он ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мутобиқ аст. Мавзуъ бо дарназардошти талаботи муқаррарнамудани КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои таҳқиқоти илмӣ муқаррар намудааст, баррасӣ ва таҳлил шудааст. Ҳамчунин, мавзуи диссертатсионӣ дар асоси маводди сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқон дар доираи манфиатҳои аҷдоди тоҷикон, яъне ақвоми ориёӣ баррасӣ мешавад. Боиси ёдоварӣ ва таҳсин аст, ки муҳаққиқони ҷавон рӯ ба таҳқиқи мавзуҳои мубрам дар доираи ихтисоси таърихнигорӣ ва маъхазшиносӣ, ки дар кишвари мо нодир мебошад, овардаанд. Таҳлил, қиёс ва хулосабарориҳои муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки аз методҳои илми таърихнигорӣ ба хубӣ огоҳ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Империяи Ҳахоманишиён як саҳифаи пурифтихор ва шарафманди аҷдоди тоҷикон мебошад, ки дар айни замон таҳқиқ ва омӯзиши он ба манфиати миллат ва давлатдории миллии мо мебошад. Офаридаҳои моддӣ ва маънавии ниёгони мо дар аҳди Ҳахоманишиён худ гувоҳи дар сатҳи хеле баланду шоиста ҳукумат намудани шоҳаншоҳони маъруфи он – Куруши Кабир, Дорюши Кабир ва Хишоёршо мебошад. Маҳз дар ҳамин давра фарҳанг ва тамаддуни ориёӣ дар се қитъа густариш ёфта, ба авҷи олии тараққӣ ва таъсир ба мардумони ҳамҷавор расид. Ҳахоманишинҳо бо

истинод ба фарҳангу маданияти қадимаи ориёии худ ва истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи тамаддунҳои ҳамсоя санъату маданияти сифатан наверо ба вуҷуд оварданд, ки зиёда аз 200 сол дар қисми калони қитъаи Осиё ҳамчун дастоварди муҳим роиҷ буд ва ин тамаддуни худро ворисони худ ба мерос гузоштанд.

Бояд гуфт, ки дар таърихи халқҳои ориёӣ империяи Ҳахоманишиён мақоми хосса дорад. Баъди ташкилшавии давлати Мод ориёиҳо дар Шарки Наздик ва Миёна ба қувваи пешбарандаи сиёсӣ табдил ёфтанд. Порсҳо (Форсҳо) баъди модҳо ин равандро тақвият бахшида, ба зинаҳои сифатан нав иртиқо доданд ва дар минтақаи паҳноваре ҳукмронӣ карданд, ки дар бузургӣ ва фарохии қаламрав собиқа надошт. Онҳо қаламрави ҳокимияти худро тавсиа дода, империяи ҷаҳониеро ташкил карданд, ки қисми зиёди олами мутамаддини он замонро дар бар мегирифт. Аммо то ба ин қудрату тавоноӣ расидан форсҳо роҳи тулонии пуршебу фарози тараққиётро тай кардаанд. Аз нуқтаи назари таърихнигорӣ баррасӣ намудани масъала имрӯз боиси рӯшании баъзе аз муамоҳои ин марҳалаи муҳимми давлатдории ниёгони тоҷикон мегардад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур ба мавзуи мубрам бахшида шуда, аҳаммияти илмӣ-амалӣ дорад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо нақша ва мазмуну муҳтавояш дар илми таърихнигории ватанӣ бори нахуст ҳисоб шуда, дорои навгониҳои арзишманди илмӣ мебошад. Аввалин маротиба аст, ки ин давраи таърихи тамаддун ва давлатдории ниёгони тоҷикон – ориёиҳо дар доираи илми таърихнигорӣ баррасӣ мешавад. Таҳлили осори илмӣ ва таҳқиқии муҳаққиқону донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ ба муҳаққиқ имкон додааст, ки навгониҳои илмии мушаххас пешниҳод шавад: а) бори аввал аст, ки методология ва усули таҳқиқии муҳаққиқону донишмандон дар робита ба таърихи империяи Ҳахоманишиён баррасӣ мешавад; б) аз нигоҳи муосир дар заминаи натиҷаи таҳқиқи сарчашма ва осори зиёди илмӣ дар робита ба шахсият ва корномаи Куруши Кабир ва баъзе масъалаҳои марбут ба сиёсати давлатдории ӯ назари муаллиф пешниҳод шудааст; в) самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои империяи Ҳахоманишиён бо тамоми вижагиҳояш

аз ҷониби муҳаққиқ баррасӣ мешавад; г) низоми иқтисодӣ ва иҷтимоии эҷоднамудаи шоҳони Ҳахоманишӣ баррасӣ шудааст; д) аносири фарҳангӣ ва тамаддуни ориёӣ дар замони ҳукумати Ҳахоманишиён баррасӣ шуда, бо далелҳои мушаххас исбот мегардад, ки Ҳахоманишиён чӣ коре дар ин раванд барои мардумони ориёӣ ва ҳамҷавор, дар маҷмуъ барои башарият анҷом додаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Диссертатсияи Қодирзода Х.С. хусусияти илмӣ-назариявӣ дошта, ҳар як зербоб ва бобҳо аз хулосаҳои мушаххас ва пешниҳодҳо иборат мебошад. Хулосаи зербобҳо ва пешниҳодҳо аз самаранокӣ ва дарку таҳлили мавзуъ хабар медиҳад. Тавсияҳои муаллиф хусусияти илмӣ ва амалӣ дошта, татбиқи он дар раванди омӯзиш ва тадриси таърихи давлатдории аҳди бостонии тоҷикон, махсусан империяи Ҳахоманишиён ба мавриди ва зарур арзёбӣ мегардад.

Диссертатсия дар маҷмуъ аз 176 саҳифаи компютерӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати сарчашмаву адабиёт иборат аст.

Бояд гуфт, ки чун расмиёти кори илмию таҳқиқотӣ дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Муҳаққиқ дар боби нахуст масъалаи назариявӣ ва методологии мавзуи таҳқиқшавандаро баррасӣ намуда, осори муҳаққиқони хориҷӣ ва ватаниро дар доираи методҳои таҳқиқӣ баҳогузорӣ ва муаррифӣ намудааст. Бартарии қисми аввали боб дар он аст, ки сирф хусусияти таърихнигорӣ дошта, аз нуқтаи назари илмӣ осор ва консепсияҳои таҳқиқии истифодашудаи муҳаққиқон баррасӣ мегардад. Муаллиф бо истинод ва далелҳои мушаххас собит месозад, ки осори кадом муҳаққиқон дар омӯзиши таърихи империяи Ҳахоманишиён бартарӣ ва аҳаммиятнок мебошад. Осори муҳаққиқон, ҳамчунин бо истифода аз консепсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ қиёс шуда, назару хулосаи муаллиф пешниҳод шудааст. Дар қисми дувуми боби мазкур дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва осори донишмандон баъзе аз хусусиятҳои давлатдории Куруши Кабир ва саҳми ӯ дар тамаддуни башарӣ таҳлилу таҳқиқ мешавад. Муаллиф дуруст ва ба мавриди таъкид намудааст, ки эъломияе, ки ӯ баъди тасхири Бобул интишор кард,

падидаи комилан нави сиёсию фарҳангӣ буд. Ӯ ба мисли шоҳони пешинаи ин минтақа мағлубонро ғуломи худ эълон накард. Баръакс Куруш олиҳиматии сиёсӣ, адолат ва инсондустии бемисл нишон дода, ба халқҳои мағлуб озодӣ ва кафолатҳои ҳуқуқӣ эҳдо кард. Куруш сиёсатшиноси нуктасанҷ буд. Пеш аз ҳама гуна муҳориба ӯ барои нарехтани хун ба рақибонаш бо кафолати амният, озодӣ ва бо шартҳои барои онҳо имтиёзнок бастани сулҳро пешниҳод мекард.

Боби дувуми рисола бошад ба таърихнигории масъалаи низоми идорӣ ва сиёсати хориҷии империяи Ҳахоманишиён бахшида шудааст. Дар мавриди низоми идории империя дуруст иброз мегардад, ки ҳокимияти олӣ дар дасти шоҳаншоҳ буд. Танҳо сулолаи Ҳахоманишиён ҳуқуқ доштанд ба тахти шоҳӣ нишинанд. Ҳокимияти подшоҳӣ меросӣ буда, аз падар ба писар мегузашт. Дар сурати писар надоштани шоҳ тахтро метавонист намояндаи дигари авлоди Ҳахоманишиён ишғол намояд. Бо вуҷуди меросӣ будани ҳокимият шоҳаншоҳро амалан ашрофу аъёни бонуфузи дарбор аз байни ворисон қаблан интихоб мекарданд. Баъд аз ин маросими расмии ба тахтнишинии шоҳаншоҳ мувофиқи қоидаҳои мавҷуда иҷро карда мешуд. Маросими ба тахти салтанатӣ нишастан дар ватани Ҳахоманишиён дар Посоргод мегузашт. Шоҳаншоҳ на танҳо доир ба масъалаҳои муҳимми давлатӣ, балки доир ба ҳамаи масъалаҳои дигар низ метавонист ҳукм барорад. Яъне ҳокимияти ӯ дар ин мавриди номаҳдуд ва мутлақ буд. Дар мавриди сиёсати хориҷии империя муаллиф аз асарҳои зиёди муҳаққиқону донишмандон истифода намудааст, ки имкони хулосабарорӣ медиҳад. Бозёфтҳои бостоншиносӣ дар бораи алоқаҳои ориёиҳои Осиёи Миёна бо ориёиҳои ҷанубии Урал дар давраи Ҳахоманишиён шаҳодат медиҳанд. Аз ҷумла, дар наздикии Орск дар кӯрғонҳои сарматҳо, ки ба асри V – аввали асри IV то м. тааллуқ доранд, якчанд осори санъати амалии ҳахоманишӣ, аз ҷумла ҳайкалчаи нуқрагини асп, гарданбанди тиллоӣ ва чандин зарф бо катибаи Артахишоёршоҳи I ёфт шуданд. Роҷеъ ба алоқаҳои тиҷоратии Миср ва Осиёи Миёна маҳсулоти ҳунармандие, ки аз ҷониби устоҳои юнонӣ дар водии Нил сохта шудаанд, шаҳодат медиҳанд. Чунин алоқа, байни Эрону Осиёи Миёна ва Олтой низ мавҷуд будааст, ки ашёи зимни ҳафриёти бостоншиносӣ ба дастомада ба он ишора

менамоянд. Ба ҳар ҳол, савдо ва тиҷорат ба дараҷаи муайян дар империяи Ҳахоманишӣ тараққӣ карда буд ва чунин давлати бузургро бе инкишофи тиҷорати хориҷию дохилӣ тасаввур кардан амри маҳол аст.

Дар боби сеюм бошад, масоили низоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ таҳлил мешавад. Аз матни рисола бармеояд, ки Ҳахоманишиён барои инкишофи маданият ва санъат шароити мусоид фароҳам оварданд. Муаллиф собит менамояд, ки халқу кишварҳои гуногун ба туфайли боз шудани роҳҳои иртиботӣ имконият пайдо карданд, ки бе мушкилот бо якдигар алоқа карда, аз дастовардҳои мадании якдигар истифода баранд. Форсҳо, бохтариҳо ва ғайра ба қувваи ҳукмрони сиёсӣ дар минтақа табдил ёфта, барои инкишоф додани маданияти худ имконияти бештар пайдо карданд. Онҳо дар бисёр соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ муваффақиятҳои калон ба даст оварда буданд. Дар бораи баъзе дастовардҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар диссертатсия ишора шудааст.

Хулосаи диссертатсяи аз 6 банд иборат аст. Он натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои фарогир, яъне бобу зербобҳо буда, назари муаллифро таҷассум мекунад.

Аҳаммияти илмии диссертатсия. Тавсияҳои диссертатсия дар асоси рушди илми таърих бунёд гардида, ба баланд бардоштани сатҳи илми манбаъшиносӣ ва таърихнигорӣ мусоидат менамояд. Маводди ба низом даровардашуда хусусияти равандҳои таърихнигорӣ дар кишварро ошкор ва мушаххас менамояд. Метавон диссертатсияро ҳамчун сарчашма барои навиштани мақолаҳои илмӣ истифода намуд. Диссертатсия ба баланд бардоштани донишҳои таърихнигорӣ ва маъхазшиносӣ мусоидат карда, онро метавон зимни курсҳои лексионӣ оид ба таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ, курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ дар факултаҳо ва кафедраҳои таърихнигорӣ ва маъхазшиносӣ ва тартиб додани воситаҳои таълимӣ истифода кард.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мазмуни диссертатсия дар 7 мақолаи чопӣ дар маҷмуаҳо ва дигар васоити илмию таълимӣ, махсусан 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Шумораи маводди ба нашррасонидаи диссертант ба талаботи банди 10-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар ба талаботи бандҳои 80, 81 ва 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Усули навишт, масъалагузорӣ ва методи таҳқиқоти илмӣ аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия хабар медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи банди 29, 30, 31, 33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва норасоиҳои имлоӣ мавҷуданд:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф аз сарчашмаҳои ба забони форсӣ баргардонидашуда дар Эрон истифода мекард.

2. Аз чӣ сабаб бошад, ки натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносон дар рисола камтар ба назар мерасад.

3. Дар мавриди ҷангҳои Юнону Форс муаллиф камтар таваҷҷуҳ намуда, танҳо аз ғалабаи форсҳо дар аҳди Доро ва Хишоёршо бо чанд ҷумлае ишора кардааст.

4. Дар кор мушкилоти техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳаш зимни нашри монография зарур аст.

Камбудиҳои мазкур аҳаммияти назарию амалии диссертатсияро коста нагардонда, ҷузъӣ мебошанд.

Хулоса диссертатсяи Қодирзода Хушбахти Сафар дар мавзуи «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 29, 30, 31, 33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ аст.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои таърих,
сардори шуъбаи бостоншиносӣ ва
сиккашиносии «Осорхонаи миллӣ»-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
«03» 11 соли 2026. Каримдодзода М.З.

Суроға: 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ 11.
Тел.: (+992) 908 00-01-31
E-mail: mkarimdodov@mail.ru

Имзои Каримдодзода М.З.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Осорхонаи миллӣ»-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
«03» 11 соли 2026 Ф. Қадамова

ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ 11.
«Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Телефон: (+992-37) 227-15-08
E-mail: nationalmuseumdip.tj@gmail.com